**Суратҷаласаи №1**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

15-уми январи соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рузномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ

1. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси гурӯҳи комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Собирова Қ.Д. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ заммима мегардад).

**Қарор карда шуд**:

1. Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Комилова Хосият Ғуфроновна - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи филиали Донишгоҳи Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

Бобозода Фаридун Толибҷон – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъин карда шавад.
4. Барои нашри автореферат, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 2-юми апрели соли 2025 таъин карда шавад.
6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ д.и.т.** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ н.и.т.** **Умаров А.Қ.**